**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2014**

## ҶОМЕАШИНОСӢ

**УДК:32 с+327+9 тоҷик**
**МУХТОРОВ М.** [1]

# САҲМИ ШӮРОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ НАВИ СИЁСӢ ДАР ҶОМЕА

Мақола ба фаъолияти Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон ва қисмҳои сохтории он бахшида шудааст.

Шӯрои ҷамъиятӣ ба фаъол гардидани фаъолияти сохторҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати расидан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон мусоидат намудааст. Аъзоёни Шӯрои ҷамъиятӣ усулҳою шаклҳои ҳамкориҳои иҷтимоиро пайдо намуданд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ ба фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ баҳои баланд додааст. Манбаъҳои эътимодноки таърихӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки Шурои ҷамъиятӣ барои истиқрори сулҳ ва барпо намудани муносибатҳои нави сиёсӣ дар Тоҷикистон нақши муҳим дорад.

**Вожаҳои калидӣ :** Аҳдномаи ризоияти ҷомеа, Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон, ҳамкории сохторҳои давлатӣ бо ҳизбҳои сиёсию иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, таҷрибаи таърихии сулҳофарӣ, ризоият ва ҳамбастагӣ, Маҳфили ҳамкориҳои иҷтимоӣ .

Дар солҳои 1992-1996 вазъияти сиёсию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон басо ҳасос ва тақдирсоз буд. Вазъият муттаҳидии аҳзоби сиёсӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, ҷамъиятҳои миллӣ ва дигар созмонҳоро тақозо менамуд. Ҳанӯз 1 марти соли 1996 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои эҷодию илмӣ, ҷамъиятҳои миллӣ вохӯрӣ намуда, гуфта буд: «…яке аз матлаби машварати имрӯзаи мо аз он иборат аст, ки мо бояд дар ин ҷо табодули назар кунем.

Шояд мо як ҳуҷҷат оид ба ризоият ва ҷамбастагӣ дар ҷамъияти мо, байни тамоми тоҷикистониёнро таҳҳия созем.

Шояд дар ояндаи наздик ягон аҳднома оид ба ризоият ва ҷамбастагии ҷамъиятӣ ба имзо расонида шавад. Дар ин бора бояд ҳаматарафа фикр кард» [2].

Ҳамаи қувваҳои асосии сиёсию ҷамъиятии мамлакат ин даъвати Президентро бо майли том дастгирӣ намуданд ва аз ҷониби як зумра олимону адибон ва сиёсатмадорон матни «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон»-ро омода сохта шуд. 9 марти соли 1996 роҳбарони қариб 30 ташкилоти

[1] **Адрес для корреспонденции:** Мухторов Мавлон соискатель ХГУ им. Б. Гафуров г. Худжанд Республики Таджикистан. 734013. Республики Таджикистан ул. Зарафшон-М-6, дом 7 кв. 5. тел: 918804004

ҷамъиятию сиёсии мамлакатамон «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон»-ро имзо карданд.

Он лаҳзаи таърихиро ёдовар шуда Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз гуфта буд: «Муддате пеш бо ширкати Президент, Раиси Маҷлиси Олӣ, роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракату ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ, ташкилотҳои эҷодӣ, мазҳабӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ «Аҳдномаи ҷомеаи Тоҷикистон»-ро таьия намуданд ва онро имзо карданд. Чунин гумон, ки дар байни роҳбарони ҳизбу ҳаракат ва ташкилоту иттиҳодияҳое, ки ба ин санади муҳим имзо гузоштаанд ихтилофи назар, номувофиқии мавқеъҳо дар ин ё он масъала вуҷуд надорад, ин хатост. Вале ҳамаи мо ҳангоми имзои ин ҳуҷҷат дар сари масъалаи умдатарин ҳамақида будем, ки бояд ба наслҳои ояндаи кишварамон як ҷомеаи орому осуда ва пешрафтаву шукуфонро гузорем» [5].

Мақсади «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» аз таъмини сулҳу субот дар мамлакат, ба даст овардани созгории миллӣ ва иттиҳоди ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ барои ҳалли масъалаҳои муҳимтарин дар чорчӯбаи Аҳднома, таҳкими истиқлолияти давлатӣ, таҳкими сохторҳои демократии давлат ва ҷомеа, эҳтироми ҳуқуқи инсон, маъвои умумии худ эътироф кардани Тоҷикистон иборат мебошад.

Дар чорчӯбаи «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» давлат ва ҳукумат уҳдадор мешаванд, қонунҳое таҳия ва қабул намоянд, ки ба демократикунонии ҷомеа ва озодии инсон мусоидат намоянд. Дар навбати худ ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ уҳдадор мешаванд, ки дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ Ҳукуматро дастгирӣ карда, ба устувор шудани соҳибистиқлолии давлатӣ ризоияти миллӣ кӯмак менамоянд, аз ҳамаи шаклҳои моҷароҷӯӣ ва фишору зӯроварӣ даст мекашанд. Имзошавии «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон»-ро мардуми Тоҷикистон нек арзёбӣ намуданд ва орзую умедашон нисбати оянда дурахшонтар гардид. Дар муддати як моҳ қариб 50 ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо майли том ба Аҳднома имзо карданд.

Бо мақсади таъмини гуфтушуниди доимии қувваҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсӣ барои ба даст овардани таносуби манфиат ва ақидаҳо, ҷустуҷӯи шаклҳои нави самаранок ва амалӣ намудани ҳадафҳои «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» 9-уми апрели соли 1996 Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд. Дар маҷлиси нахустини Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон гуфта буд: «Мо чунин ҳисоб мекунем, ки ин аҳднома метавонад як заминаи ҷиддие барои ба даст овардани сулҳи миёни тоҷикон гардад, чунки дар Аҳднома ҳамаи масъалаҳои принсипиалие, ки онҳо ба намояндагони мухолифин ҳангоми гуфтушунидҳо мувофиқа шуданд, акс ёфтааст» [6].

Азбаски Шӯрои ҷамъиятӣ мақоми намояндагӣ, машваратӣ ва ҳамоҳангсозиро дорад ба ҳамаи аъзоёнаш имкон медиҳад, ки дар бораи масъалаҳои мубрами ҳаёти ҷомеа ва давлат табодули афкор кунанд, роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷомеаро муайян намоянд ва барои ҳалли онҳо таклифҳои мушаххас пешниҳод кунанд.

Дар як муддати кӯтоҳ Шӯрои ҷамъиятӣ ба маркази машваратию таьлили афкори ҷамъиятӣ табдил ёфт. Тибқи «Низомномаи»-и Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи асосии Шӯро пиёда намудани пешниҳодоти аъзоёни Шӯро дар чорчӯбаи аҳднома мебошад. Худи ҳамон соли 1996 Шӯрои

ҷамъиятӣ барои оташбаси низоъи тоҷикон ба ватани бобоӣ, таъкими истиқлолияти давлатӣ чандин маротиба муроҷиатнома қабул кард. Намояндагони ҷониби Ҳукумат баъд аз анҷоми музокираҳои навбатӣ бо аъзоёни Шӯрои ҷамъиятӣ вохӯрӣ намуда, аз натиҷаҳои музокираҳо ахбор медоданд ва дар маҷлисҳои Шӯро табодули афкори судманд сурат мегирифт.

11 марти соли 1999 Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маърӯзаи Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи иҷроиши Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон»-ро шунида, қарор қабул кард, ки муҳлати «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» ба муддати се сол тамдид карда шавад.

4-уми июни соли 1999 бо пешниҳоди аъзоёни Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфили доимоамалкунандаи «Ҳамкориҳои иқтимоӣ» таъсис ёфт. Дар маҳфил вобаста ба мавзӯи баҳсшаванда намояндагони сохторҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҷамъиятҳои миллӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагони сафоратхонаҳои муҳими Тоҷикистон даъват карда мешаванд.

Муҳтавои ҷаласаҳои Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҳфилҳои «Ҳамкориҳои иҷтиомӣ» дар Бюллетени Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ба нашр мерасад.

Фаъолияти мақсадноки аъзоёни Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон самараи хуб ба бор овард. 1-уми декабри соли 1999 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳкими чараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ» ба имзо расид. Тибқи фармони мазкур аз ҷумла ба раисони вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо супориш шуда буд, ки барои таҳким ва инкишофи ҳамкориву ҳамдастии иҷтимоии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шӯроҳои ҷамъиятӣ созмон диҳанд.

Ҳизбу ҳаракатҳои собиқ Иттиҳоди неруҳои оппозитсиони тоҷик: Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон, Ҳизби демократи Тоҷикистон, Ҳаракати мардумии «лаъли Бадахшон» ба Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон имзо намуда, ба Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзо шуданд, ки ин нишонаи дар ҳаёти сиёсию иқтисодии мамлакатамон фаъолона иштирок намудани онҳост.

9-уми марти соли 2001 бо иштироки Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мавзӯи «Панҷсолагии Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон: проблема ва пешомадҳо» мизи мудаввар баргузор шуд. Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти аъзоёни Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои сазовор дода, аз ҷумла чунин гуфт: «Шумо соҳиби нерӯи бузурги ақлонӣ ва таҷрибаи сиёсӣ ҳастед, ки ба ҷомеа таъсир расонида метавонед. Фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳаёти осоишта, ки гарави муҳими меҳнати созанда мебошад, аз бисёр ҷиҳатҳо ба фаъолияти ватандӯстонаи ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, дар обод гардонидани давлати соҳибистиқлоламон ҳар кадоми шумо ҳиссаи арзанда дошта метавонед» [6]. Ин суханҳо аъзоёни Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор намуд, ки тамоми ҳайрату маҳорати худро бахри татбиқи ҳадафҳои «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» равона созанд.

11-уми марти соли 2002 таҳти сарварии Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи навбатии Шӯро баргузор шуд.

Дар ҷаласа Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи ҷараёни иҷрои Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон ва пешомадҳои он» суханронӣ намуд. Бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои аъзоёни Шӯро матни нави «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» тасдиқ шуд. «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон»-ро дар таҳрири нав зиёда аз 70 роҳбарони ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имзо намуданд.

Тибқи матни нави Аҳднома, Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бемуҳлат фаъолият менамояд. Ин албатта аз фаъолияти самараноки Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсиву фарҳангии мамлакатамон шаҳодат медиҳад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониаш чунин зикр намуд: «… неруҳои сиёсӣ ва фарҳангию ақлонии кишвар дар атрофи сарвари давлат муттаҳид шуда Аҳдномаро аз идея ба ҳаракати бонуфузтарини ҷамъиятӣ табдил доданд» [3].

Суханони раиси Шӯрои ҷамъиятӣ нисбати фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ аъзоёни Шӯроро руҳбаланд намуда, ҳамзамон онҳоро вазифадор менамояд, ки боз ҳам фаъолтар бошанд, созмонҳои зердасташонро дар бунёди ҷомеаи демократӣ ташаббускор намоянд. Фаъолият ва мавқеи Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун модели хуби ҳамкории Ҳукумат бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ созмонҳои байналмиллалӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Онҳо таҷрибаи сулҳофаринии Тоҷикистонро меомӯзанд.

Ҳангоми сафари таърихии Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Кофи Аннан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 октябри соли 2002 бо аъзоёни Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқот доир намуд аз мазмуни суханронӣ аён гардид, ки дар хориҷи кишварамон низ нисбат ба Шӯрои ҷамъиятӣ иттило доранд. Дар мулоқот Дабири кулли Созмони Миллали Муттаҳид ҷаноби Кофи Аннан зимни суханронии хеш аз ҷумла чунин гуфт: «Мардум ба шумо ҳамчун ба иҷрокунандагони орзую омолашон менигаранд, агар шумо он орзую омоли мардумро дар вақташ иҷро намоед, он гоҳ насли оянда дар назди шумо қарздор хоҳад буд».

Мулоқоти Дабири кулли Созмони Миллали Муттаҳид бо Шӯрои ҷамъиятӣ ва суханони ҷаноби Кофи Аннан нисбати аъзоёни Шӯрои ҷамъиятӣ ва сарвари бевоситаи он Эмомалӣ Раҳмон ин худ шарафи бузург аст. Кофи Аннан дар идомаи суханрониаш зикр намуд: «Ман боварӣ дорам, ки Тоҷикистон метавонад барои Афғонистон намунаи ибрат бошад ва барои кӯшишҳои Тоҷикистон бахри расидан ба сулҳу ваҳдат дар Афғонистон арзи миннатдорӣ мекунам».

Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 1-уми декабри соли 1999 дар ҳамаи ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯроҳои ҷамъиятӣ амал мекунанд.

Тавре ки дар моддаи аввали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад» [1]. Дар демократикунонии ҷомеа мавқеи чунин як ташкилот мисли Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сар то сари ҷумҳурӣ назаррас аст. Сарҷамъ намудани ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҷамъиятҳои миллӣ, иттифоқҳои эҷодӣ ва дар якҷоягӣ бо маслиҳату машварат дар фазои демократӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳаллу фасл

намудани масъалаҳои ҳалталаб аз вазифаҳои асосии Шӯроҳои ҷамъиятӣ маҳсуб мешавад.

Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори нодирест, ки собиқаашро дар минтақа ва ҳатто кишварҳои дуру наздик надидаем ва дар ин муддати фаъолият собит сохт, ки таъсиси он кори ниҳоят оқилона ва хирадмандона будааст. Ҳар қадар аз он рӯзи таърихии таъсиси ин созмон фосила мегирем, ба ҳамон андоза шукуҳ ва шаҳомати он ба назар бештар ҷилва мекунад.

Гузашти замон собит кард, ки таъсиси Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон як амри воҷиби таърихӣ дар сарнавишти Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳсуб мешавад ва он минбаъд низ дар раванди таҳаввулотҳои ҷомеаҳои навини Тоҷикистон нақши муаассир хоҳад бозид.

**АДАБИЁТ:**


1. Бюллетени Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001.- №2. – С. 65.
2. Даҳ соли ҳамдилӣ . – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006. – С. 246.
3. Нерӯи муттаҳидкунандаи миллат. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. – С. 256.
4. Нерӯи муттаҳидкунандаи миллат. – С. 256.
5. Раҳмонов Э. Бо роҳи ваҳдат ва бунёдкориҳо. –Душанбе: Ирфон, 1996. –С. 81.
6. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар ҷаласаи якуми Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 апрели соли 1996 // Даҳ соли ҳамдилӣ . – С. 19.



**М. МУХТОРОВ**


## ВКЛАД ОБЩЕСТВЕННОГО СОВЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СТАНОВЛЕНИИ НОВЫХ ПОЛИТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ В ОБЩЕСТВЕ


Статья посвящена деятельности- Общественного совета Республики Таджикистан, Договора об общественном согласии в Таджикистане и его структурной части.

Общественный совет способствовал активизации деятельности государственных структур политических партий и общественных объединений по достижению мира и национального согласия в Таджикистане. Членами Общественного совета Республики Таджикистан найдены новые формы и методы социального партнерства.

Мировая общественность высоко оценила работу Общественного совета. Достоверные исторические факты свидетельствуют о том, что Общественный совет сыграл значительную роль в установлении стабильности в Таджикистане и становлению новых политических отношений в обществе.



**Ключевые слова:** Договор об общественном согласии, Общественный совет Таджикистана, сотрудничество государственных структур с политическими партиями и общественными объединениями, исторический опыт миротворчества, мир и согласие, Клуб социального партнёрства.



**MUKHTOROV M.**


## CONTRIBUTION OF PUBLIC COUNCIL OF REPUBLIC TAJIKISTAN IN THE FORMATION OF THE NEW POLITICAL RELATIONS IN SOCIETY


Article is devoted activity of Social council in Republic of Tajikistan. Also it's about the contract of the public consent in Tajikistan and its structural part.

The Public Council promoted in activization of the state structures, political parties and public associations activity on an attainment of peace and the national consent in Tajikistan. Members of Public Council of Republic Tajikistan find new forms and methods of social partnership.

World community had highly appreciated Public Council work. Authentic historic facts witnessing that the Social council has played a considerable role in a stability establishment in Tajikistan and in formation of new political relations in a society.